**Чи гуна метавон зартуштӣ шуд?**
Мӯбад Комрон Ҷамшедӣ
(Баргардони Дилшод Азимов)

Ба хушнудии Аҳуро Маздо

Зартуштӣ будан, пеш аз ҳар чиз як огоҳӣ ва боваре жарфу дарунӣ ба беҳтарин ростӣ ва дурустӣ – ***Аша Ваҳишта ё Ардибиҳишт*** ва некӣ бар бунёни андеша ва хирад мебошад - ***Ваҳуман ё Баҳман***. Як зартуштӣ бовар дорад, ки ростӣ беҳтарин некӣ аст ва ободкунанда аст, аммо дурӯғ вайронгари ҷону ҷаҳон аст. Хушбахтии ӯ бо хушбахтии ҳамагон комил мегардад. Барои ӯ ҷаҳони ҳастӣ ягона аст, бад-ин мафҳум, ки ҳарчи ҳаст бо ҳаму дарҳам танида аст ва сарнавишти яке дар сарнавишти дигаре асаргузор аст. Обу бод ва оташу хокро, ки ҳарчи ҳаст, аз онҳо дуруст шуда, сипантоӣ ва аҳуроӣ медонад ва аз олудагиву нобудии онон, ки олудагӣ ва нобудии худ аст, мепарҳезад. Гиёҳону ҷонваронро низ дар ин чархаи ҳастандагӣ ва ягонагӣ медонад ва онҳоро намеозорад, зеро ки паёмадаш озурдагии худ ва ҷаҳон аст.

Ӯ як ситоишгари хирад аст, хираде ки аз жарфои вуҷудаш бармехезад ва нек асту беҳсоз. Аз ин рӯ ба ӯ ***«Маздаяснӣ»*** низ мегӯянд: «ситояндаи дониш ва хирад». Хираде ки дар ҳамбудгоҳ (ҷомеа)-и бузурги ӯ ба гунаи хиради гурӯҳӣ, дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ бо дигар андешаҳои неку созанда, зиндагии ҳамбудгоҳии ӯро ба некӣ созмон ва сомон медиҳад. Сомоне ки хушбахтии ӯ ва ҳамагонро дар пай дорад.

Агар Шумо низ чунин меандешед ва бар бунёни ин бовар сухан гуфта ва корҳои зиндагонитонро бар он устувор медоред, Шумо низ як зартуштӣ ва як маздаяснӣ ё ситоишгари донишу огоҳӣ ва хирад мебошед.

Ин як шинохти ростин ва гузиниш бар пояи он аст, дар натиҷаи амре фардӣ мебошад. Ин ҳамоно як фароянд ва раванд аст, ки худ ҳам оғозгар ва ҳам меваи як дигаргунии жарфи дарунӣ мебошад ва ниёз ба замон барои расоӣ ёфтан дорад.

Бисёре аз форсу тоҷикон, ки падарон ва модарони онҳо дар ҷое дар замону макон ва дар паи рӯйдодҳои гуногун (аммо бештарин дар паи зӯру бедод) аз оини модарӣ чашм пӯшида ва ба оине дигар гаравидаанд, имрӯзҳо чашмонашон бар ростиҳо ва рӯшаниҳои фарҳангу оини решаи хеш боз шуда ва хостори бозгашт ба хештан ҳастанд.

Бисёре аз ин ҳаммеҳанон чи басо ки бисёр роҳ доранд то ҷону равони худро аз олудагиҳои сада ва ҳазора пок гардонанд, аммо ҳамонгуна ки омад, ин як раванд ва фароянд аст ва арҷманд он аст, ки роҳ дида шавад ва рӯшноии худро бинамоёнад. Раҳрав дигар худ дар роҳ афтода ва ба сӯи омоҷу омоҷгоҳ (мақсад ва мақсуд) равон мешавад.

Ҳамагӣ ин нозанинони ҳаммеҳан ва ҳамандеш озоданд, ки худро зартуштӣ / беҳдин / маздяснӣ бидонанд ва биноманд ва касе низ бар пояи озодии гурӯҳии инсон барои гузиниши бовар ҳаққи бозхости ӯро надорад.

Аз сӯи дигар ва дар канору даст дар дасти озодӣ ва барои он ки ин озодӣ дар чаҳорчӯби ростӣ ва некӣ бимонад, бояста аст ки ҳар кас посухгӯи гузинишҳои хеш ва андешаву гуфтору кирдораш бошад.

Озодӣ ба мафҳуми бебанду борӣ ва харҷу мараҷ нест, ки агар чунин бошад, ба дурӯғ ки вайронгари ҷону ҷаҳон аст дигаргун мешавад. Як беҳдини озода, инсони озода ва пухтае ҳаст, ки посухгӯи кирдорҳои хеш аст ва хешкорӣ-масъулияти онро бар худ гирифта ва замину замону дигаронро посухгӯ намеёбад. Маздясно, оини хирадмандон ва расидагони фарҳангӣ аст.

Бас аст ҳар чи худро ва хираду зиндагӣ ва сарнавишти худро дар дасти дигарон, он ҳам душманони хеш гузоштем ва бар оинҳои нохудӣ ва биёбонӣ сар ниҳодем. Оинҳое ки инсонро хирадманд намехоҳанд, балки абду обид ва гӯсфанд мехоҳанд, ки сар ба зер андозанд ва ҳато агар сарашро бизананд, онро баланд накунад.

Як зартуштӣ сарбаланд аст ва сарафроз ба ончи дар чантаи фарҳангиву оинӣ ва ториххиву ахлоқии хеш дорад ва инсони озодае аст, ки сари таслим бар даргоҳи нобакорону дуздон ва дадон фуруд намеорад.

**Пас сарбаланд бошему худро форс-тоҷик ва зартуштӣ / беҳдин / маздяснӣ бидонем ва биномем!**

**Чигуна ба хонаводаи бузургтари зартуштиён бипайвандем?**

Ин низ пурсише аст, ки дар андешаи бисёре аз бозгаштагон ба оини модарӣ мебошад.

Барои гузор аз гомаи (марҳалаи) пазириши ҳамбудгоҳи дар дини зартуштӣ, ки ҳамоно «сэдрэпушӣ» мебошад, бояд боястагиҳои (шароити) замониву маконӣ дар дида бошад ва **онҷо ки шуданӣ нест, ниёзе ба анҷуми он намебошад** то замоне ки он боястагиҳо фароҳам омада бошанд.

Бинобар ин ҳар кас ки паёми Зартуштро дарёфт ва дар пеши виҷдони худ баргузид, ки зартуштӣ бошад, ӯ зартуштӣ аст ва метавонад худро зартуштӣ ба шумор оварад, ҳарчанд ҳам ки барои ҳамбудгоҳ (ҷомеа) шинохта шуда набошад.

Барои вуруд ба ҳамбудгоҳ дар ҷойгоҳи як зартуштӣ ҳам, ҳар замон ки шоиста бидонад, метавонад дигаронро огоҳ кунад ва агар дастрасӣ ба касоне бошад ки бар мабнои қарордодҳои ҳамбудгоҳӣ, парвонаи анҷоми маросими сэдрэпуширо доранд (ки як мӯбади зартуштӣ нахустин ҷойгоҳро аз ин дидгоҳ дорад) аз ин гома низ гузар хоҳад кард, вагарна ки дар доду ситади андеша бо ҳамандешону ҳамвиҷдонон (ҳамдинон)-и худ зиндагии ҳамбудгоҳиро дар ҷойгоҳи як зартуштӣ пай хоҳад гирифт, то дар нахустин замони шоиста сэдрэпуш шуда ва вориди хонаводаи бузургтар гардад.

Аммо барои он ки вуруди ӯ ангезаи пуштибонии хонавода гардад, лозим аст боястагиҳоеро ки хонаводаи бузурги зартуштиён барои идораи ҳамбудгоҳи худ хостор аст, аз сӯи (нав)беҳдин пазируфта шавад ва рафтор гарданд, то сомони зартуштиён ошуфта нашавад ва пайванди афроди он дучори ноҳинҷорӣ нагардад.

Акнун каме жарфтар ба ин сухан менигарем ва се боястагии муҳим ва пояӣ:

1. «Бовари дарунӣ»
2. «Нишонаи берунӣ»
3. «Бузургдошти паймонҳои ҳамбудгоҳӣ ва пос доштани (риояти) онҳо»

-ро ҷудо ҷудо мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 1. <u>Бовари дарунӣ</u>

Худои Зартушт донотарин ва тавонотарин аст. Аҳуро Маздо худои ягона, инсонро хирадманд офарида ва ӯро озод гузоша аст, ки бо гузиниши роҳи дурусти зиндагӣ, худро ба Ӯ наздик гардонда худогуна шавад.

Инсон агар ***андешаи нек – ваҳуманро*** баргузинад ва бо қавонини ҳастиву сипеҳр ва сиришт (табиат), ки ба он ***аша*** гуфта мешавад, ҳамоҳангӣ кунад ва сипас бо пас задани андешаҳои зишту нописанд ва чирагӣ бар нафс ва аз рӯи огоҳӣ, ***кирдори нек – хшатроро*** пеша созад, ба ***оромише дарунӣ ё армаитӣ*** даст хоҳад ёфт. Ва он гоҳ агар ин оромиши ба даст омада давом ёбад, инсон ба ***расоӣ (такомул) ё хурватот*** наздик мешавад ва ҳарчи одамӣ ба камол ва расоӣ наздиктар гардад, аз марг дуртар хоҳад шуд ва агар ҳама расо гардад, ҷовидона хоҳад зист ва ба ***бемаргӣ – амритот*** хоҳад расид. Дар ин гома инсони хурд ва нотавони оғозин худойгуна мегардад.

Одамӣ бо гузаштани роҳи аша – ростиву дурустӣ ва паймудани он, худ ба худ дар ҷабҳаи ситез бо бадиҳо ва зиштиҳо қарор мегирад. Ин рӯ дар рӯе аз навъи ситези нур бо торикӣ ва дониш бо нодонӣ аст. Осонтарину шитобонтарин бардоште, ки аз ситез дар зеҳни мо, мардуми хушунатзадаи ин даврон нақш мебандад, ҷангу хунрезӣ ва рӯёрӯии хушунатбор аст. Агар ин бардошт аз ситезро пазирем, мебояст гурӯҳе дар ҷабҳаи рӯшноӣ истода ба тарафи торикӣ тир партоб кунад ва ба ин кор ҳам дилхуш бошад ки торикӣ аз байн хоҳад рафт ва ё барои решакан кардани бесаводӣ бояд ҳамаи бесаводонро аз дамт теғ гузаронанд!

***Роҳи мубориза бо торикӣ барафрӯхтани чароғ аст ва пурнуртар кардани он***; танҳо дар партави нур аст ки торикӣ мафҳуми худро аз даст хоҳад дод – ***роҳи мубориза бо бесаводӣ низ густариши дониш аст***, на ба дор задани бесаводон.

Зартушт ба мо хушунат ва ҷанг намеомӯзад. Ҳеҷ ҷанге баранда надорад. Ҷанг ҳаргиз натавониста аст гиреҳеро бигшояд, балки худ гиреҳофарин буда аст. Ҳар ҷанге саранҷом ба оштӣ / оташбас меанҷомад. Ҳеҷ ҷангу кушторе абадӣ нест, пас барои дармони дардҳои инсонӣ бояд аз ҷанг то онҷое ки метавон парҳез кард. Аммо ин парҳез ба мафҳуми бе падофанд (бедифоъ) мондан нест. Дар дини Зуртушт созмоне барои ҷангафрӯзӣ вуҷуд надорад, вале созмони падофанд мавҷуд аст, зеро ҳамвора ҳастанд нодонон ва бадандешоне ки ҷангро ба дигарон мепазиронанд, ки агар чунин бошад бояд аз худ падофанд кард ва ҷангафрӯзро водор ба оштӣ ва оромиш намуд.

***Армаитӣ ё оромиш*** наздиктарин ва басудатарин (малмустарин) дастоварди омӯзишҳои Зартушт аст. Созандагӣ танҳо дар оромиш шуданӣ аст. Пешниёзи рушду расоӣ оромиш аст. Сохтани ҷаҳоне саршор аз оштиву инсоният танҳо дар сояи оромиш имконпазир ҳоҳад шуд. Оромиш ба даст нахоҳад омад, магар ин ки инсонҳо ***хшатро – кирдори некро*** пеш бигиранд ва бо ***ашо – сомон ва ҳанҷори сириштӣ*** худро ҳамоҳанг созанд. Фақат касоне метавонанд қавонини ҳастӣ ва сомони сириштиро, ки пояи ростиву дурустӣ аст, посдорӣ кунанд ки ***ваҳуман – андешаи некро*** баргузинанд ва некандеш гарданд.

Пас сарнавишти инсонҳо дар мағзи инсонҳо рақам зада мешавад. Агар инсонҳо некандеш шаванд, сипеҳру охшиҷҳо (табиат, аносири ҳастӣ)-ро бузург бидоранд ва рӯ дар рӯи он қарор нагиранд (олудани муҳити зист ситез бо табиат аст) ва бо кирдори неки худ башариятро ба оромиш бирасонанд, инсоният такомул пайдо хоҳад кард ва дар ҷаҳон ҷовидона хоҳад монд ва дар ин такомул ва ҷовидонагӣ даст ба офариниш хоҳад зад ва ҳамкори Худованд ҳоҳад шуд. Пас мебинем ки аз ҳар сӯ ки биравем ва аз ҳар зовияе ба «дастгоҳи офариниш» ва «инсону ояндааш»

бингарем, саранҷом ба ***амшоспандон*** хоҳем расид, ки дастгоҳи фалсафӣ ва ҷаҳонбинии дини зартуштӣ аст.

## 2. Нишонаи берунӣ

Он ҳангом ки инсон дар ҷаҳони даруни худ, ба Аҳуро Маздо ва фалсафаи дини зартуштӣ боварманд шуд ва хост, ки дар ин бовармандӣ бо дигарон ҳамроҳ шавад, лозим меояд ки паймони вафодорӣ ба дини беҳӣ ва зартуштиёнро огоҳӣ диҳад.

***Сэдрэпушӣ*** нишонаи берунии зартуштӣ шудан аст. Бо ***пушидани сэдрэ ва бастани куштӣ*** одамӣ ҳам бо худ ва ҳам бо дигарон паймон мебандад, ки роҳи Зартуштро пайгирӣ кунад. Сэдрэпушӣ зоише нав ва «таваллуде дигар» аст. Зоиши менӯӣ (маънавӣ) дар як дини беҳсоз ва ободкунанда. Бо пушидани сэдрэ ва бастани куштӣ гомаи кӯшои (ҷиддии) зартуштӣ шудан оғоз мегардад.

***Сэдрэ***.

Сэдрэ пероҳанест бе гардану остин аз порчаи нозуки сафедранг. Гардан ва остини баланд ҳарду нишонаи худнамоӣ аст ва остини баланду кушод дар гузашта асбоби нозиш (фахру мубоҳот)-и дорандаи он ба шумор мерафт.

Соддагӣ ва сафедии ин ҷома нишон медиҳад ки шахс намехоҳад бо дар бар кардани он ба ҷоҳу мақоме бирасад ва онро василае барои расидан ба баландпарвозиҳои худ қарор диҳад.

Сэдрэ ҷомаи нозиш (тафохур) нест. Ҷомаи соддае аст, ки нишони соддагву покӣ аст ва рангу риё дар он роҳе надорад.

Бо пӯшидани ин ҷомаи содда, сафеду пок, инсон ҳаммонанд ва ҳамранги он мегардад. Ҳамранги дигар зартуштиён мешавад. Беҳдин мешавад.

***Куштӣ***.

Куштӣ бандест ки аз 72 нахи пашмӣ бофта шуда аст. Бофандагони он бояд зартуштиёни порсо бошанд. Ин 72 банд ба 6 ришта бахш шудааст ва ҳар риштае дорои 12 нах аст. Адади 72 ишораест ба 72 фасли ***Ясно***, ки муҳимтарин бахши ***Авасто*** аст. 12 ишора дорад ба 12 моҳи сол ва 6 ишораест ба 6 ***гоҳонбор***, ки ҷашнҳои динии зартуштиён аст.

Куштӣ бастан нишонаи паймони беҳдин бо худу Аҳуро Маздо аст. Бо пушидани сэдрэ, беҳдин ҷомаи хидмати динро ба бар мекунад ва бо бастани куштӣ камари хидмат ба миён мебандад то ҷаҳоне обод, озод ва ба дур аз ҷангу нодорӣ ва... бисозад. Сэдрэпӯшӣ маросими бошукӯҳест, ки ба дасти ***Мӯбад*** анҷом мепазирад ва дӯстону зартуштиён бо ширкати худ дар он, шоҳиди зоиши менӯии як зартуштӣ мегарданд ва бо ӯ ин зоишро ҷашн мегиранд.

## 3. Паймонҳои ҳамбудгоҳӣ

Зартуштӣ инсони озодаест, ки худ бо хиради бедори хештан роҳи Зартуштро бармегузинад ва бо сэдрэ пӯшидан, кӯшо будани хешро дар ин роҳ баён медорад. Ӯ гом дар роҳе мегузорад ки хушбахтӣ ва шодзивии инсону инсоният ҳадафи ниҳоии он аст.

Дини Зартушт дини кӯшиш аст. Магар на ин ки ҷаҳон дар сояи кору кӯшиш обод хоҳад шуд ва танҳо дар сояи кору кирдори нек аст, ки инсон хоҳад тавонист ба созандагӣ бипардозад?

Дини беҳӣ – дини гӯшанишинӣ ва зонуи ғами бағал гирифтан нест ва ноумедиву манфибофӣ дар он роҳе надорад. Оянда, як рӯйдоди ногувори баргаштнопазир нест. Оянда дар дастҳои мо қарор дорад. Агар бикӯшем ва бисозем оянда зебо хоҳад буд ва агар бад-он наяндешему коҳилӣ пеша кунем, фарҷоми бад дар пеши рӯи мо хоҳад буд.

Сохтану обод кардан ва навсозии ҷаҳон ба ҳамандешӣ, ҳамдилӣ ва ҳамбастагии инсонҳои некандеш, хушгуфтору неккирдор ниёз дорад. Аз ин рӯ, дини беҳӣ – дини ҳамбудгоҳӣ аст.

Гуфтем ки сэдрэпушӣ ҷомаи ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ бо Аҳуро Маздоро ба тан кардан аст ва куштӣ миён бастан ва баёни омодагӣ барои кору пазириши хешкорӣ мебошад.

Ҳар навбеҳдине як талошгари некӯкор аст, ки дар ин «сипоҳи кори нек» мебояст ҷои худро пайдо кунад ва ҳамозӯр ва ҳамоҳанг бо дигар беҳдинон ба пеш равад. Пас лозим меояд ки созмони ҳамбудгоҳии зартуштиён бар мабнои омӯзишҳои Зартушт сомон пазирад.

Гуфтору кирдори ҳар зартуштӣ дар сарнавишти дигар ҳамкешон нишонгузор хоҳад буд. Фард, пеш аз зартуштӣ шудан посухгӯи кирдорҳои хуб ё бади худ аст ва дигарон низ корҳои хубу писандида ва ё рафторҳои зишту announced нописанди як ғайризартуштиро бар пои ҷамоати зартуштӣ наменависад. Аммо ҳангоме ки фард пазируфт ки зартуштӣ шавад, худ ба худ бахше аз хонаводаи бузурги зартуштиён шуда аст ва аз он пас корҳои неку писандида ва ё рафторҳои зишту нописанди ӯ домонгири дигар зартуштиён хоҳад буд ва онҳоро сарбаланд ва ё саршикаста хоҳад кард. Аз ин рӯ зартуштӣ шудан на танҳо ниёзманди ***«бовари дарунӣ»*** ва ***«нишонаи берунӣ»*** аст, балки ***«бузургдошти паймонҳои гурӯҳӣ ва посдории онҳо»***-ро низ бояста месозад. Ногуфта пайдост, ки бо ҳам будани як гурӯҳ аз инсонҳо, худ ба худ ниёз ба як саре бунёнҳо, ҳамоҳангиҳо ва қонунҳо дорад. Бидуни ин бунёнҳо пайвастагии яфроди як ҳамбудгоҳ дастхуши ҳарҷу марҷ гашта ва онҳоро рӯ дар рӯи якдигар мегузорад.

Дуруст ба ҳамин сабаб ***«пазириши паймонҳои гурӯҳӣ»*** як ниёзи воло ба шумор меояд. Дар ҷомеаи суннатии зартуштиён ин ниёз ба гунаи нонавишта вуҷуд дорад ва замоне дароз аст, ки зартуштиён тавонистаанд бо посдошти он худро нигоҳ доранд, зеро ҳамбудгоҳи зартуштӣ гурӯҳи кӯчаке будааст, ки на танҳо бар бунёни омӯзишҳои Зартушт ҳамвандонаш посухгӯ ва паймондор нисбат ба ҷомеа бор омадаанд, балки ба сабаби хешовандӣ ва пайвастагии танготанги хонаводагӣ, ки натиҷаи издивоҷҳои даруни ҳамбудгоҳӣ будааст, чунон бофти ба ҳам танидае ёфта аст, ки сарнавишти фард ба гурӯҳу гурӯҳ ба фард вобаста шуда ва гунаи ҳамоҳангии равонӣ дар гурӯҳ дида мешавад ва шахсият (характер)-и гурӯҳии вижае дар гурӯҳ эҷод шуда аст.

Акнун бубинем чи бунёнҳое бояд аз сӯи навзартуштиён жарфнигарӣ шавад:
a. «Ҷудоии дин аз сиёсат»
b. «Парҳез аз боварситезӣ»
c. «Пазириши хешкории (масъулияти) ҳамбудгоҳӣ ва кори гурӯҳӣ»

***a. Ҷудоии дин аз сиёсат***

Дини зартуштӣ, дини норавогузинӣ ва дубинӣ (табъйиз) нест. Зану мард, дорову нодор, сиёҳу сафед ва... метавонанд зартуштӣ шаванд. На ранги пӯст, на ҷинсият ва на мақоми ҳамбудгоҳии афрод ва ё гароиши сиёсии онҳо, ҳеҷ кадом пояе барои пазириш ба дин нест.

Ҳамонгуна ки коргар, пизишк, муҳандис, кишоварз ва ғайра метавонанд зартуштӣ шаванд, сиёсатмадорон низ метавонанд зартуштӣ шаванд ва зартуштӣ бимонанд. Аммо як созмони ҳамбудгоҳӣ, ки бар бунёни дин устувор аст, наметавонад ҷойгоҳе барои таблиғи як иддаи сиёсии вижае шавад ва аз ҳама бадтар ҷои ёргирии гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҳизбҳои гуногун гардад.

Ҳамонгуна ки кишоварз наметавонад бо трактор ба ниёишгоҳ ворид шавад ва замини онро шахм бизанад ва базри дилхоҳи худро дар он бикорад, сиёсатмадорон ва ё кӯшандагони сиёсӣ ҳам набояд созмони ҳамбудгоҳии зартуштиёнро бо ҳизбу созмони сиёсӣ яке бигиранд ва дафтару сохторҳои ҳамвандгирии худро дар он паҳн кунанд.

Бунёни созмону сохторҳои ҳамбудгоҳии зартуштиён, омӯзишҳои Зартушт аст ва афрод танҳо аз рӯи бовар ба дини Зартушт бояд дар ин ниҳони ҳамбудгоҳӣ ҳамванд шавад ва на бар пояи вобастагиҳову гароишҳои сиёсӣ. Дар як ниҳоди динӣ, бо як ҷаҳонбинии фаротар аз ранги пӯст, ҷинсият ва... дигар чапу рост ва миёнарӯ мафҳуме надорад. Ҳама зартуштӣ ҳастанд ва чун зартуштиянд дар ин созмони ҳамбудгоҳӣ ҳамванд шудаанд.

Аз ин гузашта, дину сиёсат ду мақолаи аз ҳам ҷудоянд ва наметавон он дуро бо ҳам омехт. Дин ба дунболи «ҳақиқат» аст ва сиёсат дар паи «воқеият» ва созиш бо он. Ҳар гоҳ битавонем ду дона себро аз ёздаҳ метр порча кам бинем ва ё ҳафт литр ширро ба чаҳор кило оҳан бияфзоем, хоҳем тавонист дину сиёсатро бо ҳам биёмезем! Дину сиёсат бояд монанди ду хати роҳи оҳан ба мавозоти якдигар пеш раванд, аммо ба ҳам нарасанд, ки агар чунин гардад, вагонҳои тамаддуни инсонӣ вожгун шуда ва сабаби маргу вайронӣ хоҳад шуд.

Дин посухгӯи фароҳамоварии осоиши менӯӣ буда ва бояд битавонад оромиши равонӣ, ахлоқ ва умедро барои инсон ба армуғон биёварад, дар ҷое ки сиёсат хешкориаш фароҳам кардани осоиши моддии инсон мебошад.

Ҳам сиёсат ва ҳам дин барои ҷомеаи инсонӣ лозим ҳастанд. Ҳеҷ кадом ҳам бад нестанд. Ончи бад, announcements нописанд ва осебрасон аст, омезиши ин ду бо ҳам аст.

***b. Парҳез аз боварситезӣ***

Ҳар зартуштӣ дар беҳтарин чигунагии (ҳолати) худ, додгӯ ва кордор (вакил)-и дини зартуштӣ аст, на додситони динҳои дигар. Кори мо устувор кардан ва густариш додани омӯзишҳои Зартушт аст ва на рад кардану хурдагирӣ аз динҳои дигар.

Албатта метавон дини зартуштиро бо динҳои дигар санҷид, аммо ин санҷиши миёни боварҳост, ки худ коре пажӯҳишӣ ва омӯзишӣ аст ва на пешзаминаи юриш ба боварҳои дигар ва кӯбидани ин ё он дин, ки на судманд асту на лозим. Ин кор танҳо метавонад сабаби барпо шудани таниши байни беҳдинон ва дигар боварҳо гардад, ки агар боварситезон дар кори худ кӯшотар бошанд, ҷанги диниро дар пай хоҳад дошт, ки монанди ҳар ҷанги дигар беҳуда ва зиёновар аст.

***c. Пазириши хешкорӣ (масъулият)-и ҳамбудгоҳӣ ва кори гурӯҳӣ***

Орзӯи ҳар беҳдине беҳбуди зиндагии худу ҳамкешон ва густариши дини беҳӣ аст. Сару сомон додан ба кори ҳамбудгоҳии зартуштиён яз тавоноии як ва ё чанд нафар берун аст. Шоиста аст, ки ҳар навбеҳдине бар пояи тавоноиҳову вижакориҳо (тахассус) ва ё ниёзи ҳамбудгоҳи зартуштӣ, дар гӯшае аз созмони ҳамбудгоҳӣ ба кор бипардозад. Шона холӣ кардан аз зери кор ва пушти гӯш андохтани хешкориҳои ҳамбудгоҳӣ сабаби аз ҳам пошидани сомону сариштаи созмони ҳамбудгоҳӣ хоҳад шуд.

Ин кор бо ҳеҷ санҷае (меъёр) ахлоқиву инсонӣ ҷӯр намеояд. Фаромӯш накунем ки пойбандӣ ба паймон аз омӯзишҳои ахлоқии зартуштиён аст. Инсони зартуштӣ касест, ки ҳам нисбат ба худ, ҳам нисбат ба гурӯҳ ва ҳам нисбат ба сипеҳри худро посухгӯ бидонад ва дар роҳи боландагӣ ва расоии худу ҷаҳон кӯшо гардад.

Акнун, пас аз хондани ин навишта, рӯи пурсишҳои зер андеша кунед ва посухи онҳоро дар даруни худ биёбед:

- Оё ба дини зартуштӣ дар даруни худ бовар овардаед?
- Оё мехоҳед бо сэдрэ пӯшидан ба он расмият бидиҳед?
- Оё паймонҳои ҳамбудгоҳӣ, яъне «ҷудоии дин аз сиёсат», «парҳез аз боварситезӣ» ва «кори гурӯҳӣ»-ро мепазиред?

**Агар посух ба пурсишҳои боло мусбат аст, ба гурӯҳи мо хуш омадед!**

Акнун ҳангоми он расидааст, ки бо ҳам бихонем:

**Ба хушнудии Аҳуро Маздо**

Ман, ба ҳастии Худованди якто ва паёмдории Ашу Зартушти Испантмон бегумонам.
Ман, дини беҳии зартуштиро бармегузинам, ки беҳтарин роҳи зиндагиро б аман нишон медиҳад.
Андешаву гуфтору кирдори некро меситоям.
Дини зартуштиро меситоям, ки хостори озодиву оштӣ ва азхудгузаштагиву порсоӣ ва ягонагӣ аст ва динест, ки аз ҳамаи динҳои кунуниву оянда беҳтару зеботар аст.
Аҳуро Маздо, Худованди ҷону хирадро сипозгузорам
ва паймон мебандам ки бар дини неку поки Зартушт устувор бимонам.

Идун бод!